# Тақризи

роҳбари илмӣ ба унвончӯй Мирзоев Қобилҷон Айниддинович ва ба диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (Ch. quinoa W.) дар шароити Тоҷикистони марказӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 01.03.05 - Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод шудааст.

Мирзоев Қобилҷон Айниддинович 27-уми декабри 1985 дар деҳаи Ромит, ҷамоати деҳоти Ромит шаҳри Ваҳдат таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ӯ таҳсилотро дар мактаби миёнаи №15 ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат анҷом додааст. Соли 2003 ба факултети биологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 2008 аз рӯи ихтисоси биолог бо муваффақият хатм намудааст.

Солҳои 2008 - 2016 ҳамчун омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ҷамоати деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат фаъолияти кориашро оғоз намудааст.

Аз соли 2016 то имрӯз ҳамчун ассистенти кафедраи биохимияи ДМТ фаъолият дорад. Аз оғози кори илмӣ диққати ӯро масъалаҳои таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ ҷалб намуд. Аз ин рӯ ба омӯзиши хусусиятҳои морфофизиологӣ ва биохимиявиии квиноа, ки барои Тоҷикистон растании инноватсионӣ мебошад, корҳои илмӣ – таҳқиқотиро оғоз намуд. Дар давраи иҷроиши корҳои илмӣ – таҳқиқоти ва омода намудани рисола, равиши методологии аз тарафи Мирзоев Қ.А. истифодашуда ва натиҷаҳои дар асоси он ба даст омада барои фаҳмидани алоқамандии байниҳамдигарии хусусиятҳои физиологию – биохимиявии сабзишу инкишоф ва маҳсулнокии квиноа дар шароити Тоҷикистон имконият дод.

Усулҳои агротехникии коркардшуда ва натиҷаҳои физиологию – биохимиявии сабзиш ва инкишоф, ки маҳсулнокии баландро дар навъҳо ва шаҷараҳо муайян мекунанд, барои баҳодиҳии имкониятҳои интродуксионии ин зироат ва парвариши он дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистогн истифода шаванд.

Диссертатсияи Мирзоев Қ.А. кори пурарзиши илмии бaанҷомрасида буда, навгонии муҳиме мебошад. Истифодаи усулҳои муоссири физиологӣ – биохимиявии хеле нозуку мураккаб аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ мутахассиси соҳаи худ гардидааст.

Дар асоси натиҷаҳои диссертатсия 18 мақолаю фишурдаҳо нашр гардида аз ҷумла 5 - тои он дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Бо баробари иҷрои корҳои илмӣ Мирзоев Қ.А. ҳамчун ассистенти кафедра корҳои таълимӣ ва ҷамъиятиро бомуваффақият пеш мебарад.

Мирзоев Қ.А. худро ҳамчун педагогӣ хуб байни донишҷӯён муарифи менамояд. Лексия ва дарсҳои амалиро аз курсҳои умумии биохимия ва тахассусӣ дар сатҳи хуби илмӣ – методӣ мегузаронад. Ӯ кормандӣ

меҳнатдӯст, бовиҷдон ва нисбати худ хеле серталаб буда, байни донишҷӯён *ва устодони факултети биологияи ДМТ обурумандаст.*

Ҳаҷми корҳои таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ-амалии натиҷаҳо ба талаботи таҳияи диссертатсия ва низомномаи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Қобиоҷон Айниддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.05 - Физиология ва биохимияи растанӣ мебошад.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Қобиоҷон Айниддиновичро дар мавзӯи «Хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккулёбии маҳсулнокии квиноа (Ch. quinoa W.) дар шароити Тоҷикистони марказӣ» ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.05 - Физиология ва биохимияи растанӣ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи биохимияи
факултети биологияи ДМТ — Ҳ. Юлдошев

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17, ДМТ
Тел: (+992)918812514

Имзои Юлдошев Ҳимоҳиддинро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Э.Ш. Тавқиев
«12» 06 2024